# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№31 (4927)

ҶУМЪА, 7 МАРТИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj






## МО БА МОДАРОНУ ЗАНОН АРҶ МЕГУЗОРЕМ ВА ХИЗМАТҲОИ ОНҲОРО ГИРОМӢ МЕДОРЕМ

### Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Модар

**7-уми марти соли 2025, шаҳри Душанбе**

**Модарону бонувони муҳтарам ва хоҳарону духтарони меҳрубон!**

Мулоқоти идонаи мо ба ифтихори Рӯзи Модар дар оғози фасли зебои баҳор, эҳёи тамоми мавҷудоти табиат ва арафаи таҷлили Ҷашни байналмилалии Наврӯз баргузор мегардад.

Дар оғози баҳор таҷлил гардидани ҷашни модарон рамзи басо неки ба ҳам омадани ду неруи бузурги зиндагиофар ва ҳастисоз - модар ва табиат мебошад.

Зан-модар рамзи оғози зиндагӣ, намунаи зебоиву меҳрубонӣ ва хуррамиву шукуфоии ҳаёти башар, яъне фарзандоне мебошад, ки онҳоро худ ба дунё овардааст.

Тамоми модарону бонувони арҷманд, хоҳарону духтарони азизи кишвар ва ҳамаи шумо - ҳозирини гиромиро ба ифтихори ҷашни фархундаи Рӯзи Модар самимона ва сидқан табрик мегӯям. Ба хонадони ҳар яки шумо ва мардуми шарифи Тоҷикистон, кулли ҳамватанони бурунмарзӣ, пеш аз ҳама, саломативу хушбахтӣ ва рӯзгори осуда орзу менамоям.

Ҳамчунин, иброз медорам, ки бо шукӯҳу шаҳомат ва бо камоли қадршиносӣ таҷлил намудани ин ҷашн нишонаи эътибору эҳтироми хосаи давлату Ҳукумати мамлакат нисбат ба модарону бонувони азиз мебошад.

Дар урфият мегӯянд, ки зани соҳибмаърифату боиффат гавҳар ва зани ҳунарманду кадбонуи сариштакор ганҷина аст. Ба ин маънӣ, модарону бонувон хазинаи бебаҳое мебошанд, ки тамоми меҳру муҳаббат ва умри азизи худро дар роҳи тарбияи фарзандони солиму солеҳ, босаводу соҳибмаърифат, хушахлоқу боадаб, ба ҳаёти мустақилона омода намудани онҳо ва сариштаи рӯзгор сарф месозанд.

Орзуи ҳар зан дар зиндагӣ ҳамин аст, ки фарзанд ба дунё овардану модар шудан насибаш гардад. Яъне, модар мавҷудест, ки офаранда аст, фарзанд меофарад, барои тифли навзоди худ, ки ҳанӯз як мавҷуди нотавон аст, 18-19 сол заҳмат кашида, ӯро ба як инсони неруманду тавоно табдил медиҳад ва то зинда аст, ҳозир аст, ки ҳастии хешро фидои фарзандаш созад. Маҳз ба ҳамин хотир аст, ки модарро «фариштаи меҳр», «олиҳаи покӣ» ва «мавҷуди муқаддас» меноманд.

Яке аз шахсиятҳои барҷастаи илми ҷаҳонӣ Алберт Эйнштейн гуфтааст, ки танҳо муҳаббати модар ба фарзандаш муҳаббати ҳақиқӣ ва беғараз мебошад. Ҳамин аст, ки бузургони гузашта ҷойгоҳи маънавии биҳиштро дар зери қадамҳои модарон донистаанд, яъне эҳтироми модар ва хизмат ба ӯ роҳ ба сӯи хушбахтӣ ва биҳишт аст.

Аз Расули акрам ҳадис аст, ки ҷавоне назди ӯ меояд ва иброз медорад, ки гуноҳе кардааст ва чӣ бояд кунад, ки гуноҳаш бахшида шавад. Паёмбар ба ӯ мегӯяд: - Модар дорӣ? Мегӯяд: - На! - Хоҳар дорӣ? Мегӯяд: - Надорам. Мегӯяд: - Пас, бирав назди зани ҳамсоя, агар ӯ туро бубахшад, пас Худованд низ хоҳад бахшид.

Тавре аз ин ҳадиси Расули Худо мебинем, қадру манзалати зан-модар дар дини мубини ислом ҷойгоҳи басо баланду муътабар дорад.

Чунки тамоми нобиғаҳову бузургони илму ирфон, сиёсатмадорону арбобони давлатӣ ва шахсиятҳои барҷастаи таърихи башар, аз ҷумла Пайғамбари ислом - Ҳазрати Муҳаммад ва пайравони ӯро модар ба дунё овардаву ба камол расонидааст.

Нақши зан-модари тоҷик дар тарбияи фарзандони соҳибмаърифату соҳибкасб, рушди маънавии оила ва ҷомеа, инчунин, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ободиву пешрафти давлати тоҷикон бисёр арзишманд мебошад.

Ман нақши модарону бонувони тоҷикро аз оғози фаъолияти сиёсии худ то имрӯз бениҳоят баланд арзёбӣ менамоям. Зеро онҳо аз рӯзҳои аввал сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлатро дар барқарорсозии сулҳ, сарҷамъ намудани мардуми тоҷик, ҳифзи истиқлолу озодӣ ва дигар масъалаҳои давлатдорӣ на фақат самимона дастгирӣ намуданд, балки барои амалӣ гардидани ҳадафҳои давлати тозаистиқлоли тоҷикон кумак ва саъю талошҳои зиёд карданд.

Занону бонувони муосири тоҷик аз насли занони қаҳрамону ватандӯсти ориёӣ мебошанд ва озодиву иззату иффати аҷдодии худро дар шароит ва рӯзгори нав ҳифз кардаанд.

Зане, ки босавод ва соҳибмаърифату соҳибҳунар мебошад, илова ба тарбияи фарзанд, дар пешбурди ҳадафҳои давлат, ободии Ватан ва раванди созандагӣ фаъолона ширкат меварзад ва дар эъмори ҷомеаи демокративу дунявӣ ва озоду пешрафта саҳми арзишманд мегузорад.

Зан-модар ин саҳмро бевосита худаш дар замони зиндагӣ ва кору фаъолияташ ва баъдан ба воситаи фарзандонаш, ки онҳоро ҳамчун насли босаводу донишманд ва соҳиби касбу ҳунар ба камол расонидааст, мегузорад.

Бо дарназардошти нақши офарандаву созандаи занону модарон ва бонувону духтарони гиромӣ давлат ва Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ масъалаи баланд бардоштани мақоми онҳоро дар ҷомеа аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ эълон намуд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи даъвати Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум**

Мутобиқи моддаи 52 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум 19 марти соли 2025 соати 10-00 дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 6 марти соли 2025, №977**

## ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҶАМЪОМАДИ ТАНТАНАВӢ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ МОДАР

**7- уми марти соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад» дар ҷамъомади тантанавӣ ба муносибати Рӯзи Модар иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бонувони кишварро ба муносибати Рӯзи Модар самимона шодбош гуфта, нақши зан-модари тоҷикро дар ҳифзи музаффариятҳои даврони соҳибистиқлолӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ бузургу беназир арзёбӣ намуданд.

Сарвари давлат зан-модарро рамзи оғози зиндагӣ, намунаи зебоиву меҳрубонӣ ва хуррамиву шукуфоии ҳаёти башар номиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шукӯҳу шаҳомат ва бо камоли қадршиносӣ таҷлил намудани ин ҷашнро нишонаи эътибору эҳтироми хосаи давлату роҳбарияти кишвар нисбат ба модарону бонувони азиз маънидод намуданд.

Аснои суханронӣ Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба бузургии модар, мақому манзалати занон дар ҷомеа ва дигар хислатҳои нодири ин олиҳаи зиндагӣ андешаронӣ намуда, нақши модари тоҷикро дар тарбияи фарзандони соҳибмаърифату соҳибҳунар, рушди маънавии оила ва ҷомеа, инчунин, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ободиву пешрафти давлати тоҷикон бисёр арзишманд унвон карданд.

Таъкид гардид, ки модарону бонувони тоҷик сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлатро дар барқарорсозии сулҳ, сарҷамъ намудани мардуми тоҷик, ҳифзи истиқлолу озодӣ ва дигар масъалаҳои давлатдорӣ на фақат самимона дастгирӣ намуданд, балки барои амалӣ гардидани ҳадафҳои давлати тозаистиқлоли тоҷикон кумак ва саъю талошҳои зиёд карданд.

Ба андешаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон занону бонувони муосири тоҷик аз насли занони қаҳрамону ватандӯсти ориёӣ мебошанд ва озодиву иззату иффати аҷдодии худро дар шароит ва рӯзгори нав ҳифз кардаанд.

«Зане, ки босавод ва соҳибмаърифату соҳибҳунар мебошад, илова ба тарбияи фарзанд, дар пешбурди ҳадафҳои давлат, ободии Ватан ва раванди созандагӣ фаъолона ширкат меварзад ва дар бунёди ҷомеаи демокративу дунявӣ ва озоду пешрафта саҳми арзишманд мегузорад», - иброз доштанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Президенти кишвар зимни суханронӣ дастгирию ғамхорӣ ва тадбирҳои созандаи баланд бардоштани мақоми занонро дар ҷомеа аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуданд.

Заҳмати шарафманду хизмати содиқонаи занону духтарони тоҷик дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, сохтмони сарнавиштсози Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва саҳми бузурги онҳо дар рушди қонунгузорӣ, соҳибкорию тиҷорат ва дигар самтҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар махсус таъкид карда шуд.

Сарвари давлат изҳор доштанд, ки «мо ба нақши модарону занон дар рушди ҷомеа, пешрафти давлат, ободии Ватан, бунёди оилаи солиму хушбахт, тарбияи фарзандони солеҳ ва афзоиши шаъну эътибори ҳар як хонадони тоҷик ҳамеша арҷ мегузорем ва хизматҳои таърихии онҳоро доим гиромӣ медорем».

Зикр гардид, ки ҳунару истеъдод, саъю кӯшиш, қобилияти ташкилотчигӣ ва маҳорату кордонии модарон шоистаи таҳсин буда, онҳо метавонанд дар оянда дар татбиқи сиёсати давлат, пешрафти ҷомеа ва ободии Ватани маҳбубамон саҳми боз ҳам бештар гузоранд.

Аз бонувон даъват карда шуд, ки ба хотири рушди ҳунарҳои мардумӣ ва ҳифз кардану ба насли оянда омӯзонидани тарзи омода намудани таомҳои миллӣ бояд фаъол бошанд.

Ҳамзамон, масъалаи аз ҷониби бонувон гиромӣ доштани фарҳангу маданияти либоспӯшӣ, тарбияи фарзандон дар руҳияи ватандӯстӣ ва риояи қонунҳои миллии танзими расму оинҳо таъкид карда шуд. Дар ин раванд, пешгирӣ кардани бегонапарастӣ, аз ҷумла дар масъалаи сарулибос ва расму оинҳои барои мардуми мо бегона, саъю талоши боз ҳам бештар ба хотири таҳкими сулҳу субот дар ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии Ватан аз ҷумлаи вазифаҳои муҳими бонувони тоҷик дониста шуд.

Бо дарназардошти вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва талаботи замон ба масъалаҳои вобаста ба ҳифзи арзишҳои анъанавии оилаи тоҷик ва устувории он, тарбияи дурусти наврасону ҷавонон ва пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ дар байни онҳо, инчунин, омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар, азхудкунии забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Баъди суханронии пурмуҳтавои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи Модар барномаи консертии хотирнишин баргузор гардид, ки фарогири васфу тараннуми истиқлолу озодӣ, Ватану ватандорӣ ва мақому манзалати зан-модар дар ҷомеа буд.

**www.prezident.tj**



## ТАБРИКОТИ

### Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бахшида ба Рӯзи Модар

**7-уми марти соли 2025, шаҳри Душанбе**

**Бонувони саодатманди кишвар!**
**Модарону хоҳарони азиз!**

Бо камоли эҳтирому сарфарозӣ ва самимияти афзун ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи Модар, ки ҳамасола дар кишвари соҳибистиқлоли мо бо шукӯҳу шаҳомати хоса ва арҷгузории беандоза нисбат ба зан-модар ҷашн гирифта мешавад, табрик намуда, ба ҳар яки шумо тансиҳатию хушбахтӣ ва рӯзгори пурфайз таманно дорам.

Воқеан, зан-модар чун баҳори оламафрӯз бо нуру таровати ва муҳаббати самимӣ ба рӯзгори ҳар хонадон фурӯғу сафо мебахшад.

Зан-модар чароғи зиндагист, зеро ҳастии худро барои адои рисолати бузурги инсонӣ - офариниши ҳаёти башар, пайванди наслҳо ва рушду камоли фарзанд равона месозад.

Қобили зикр аст, ки дастгирӣ ва ғамхорӣ нисбат ба бонувону занон дар меҳвари асосии сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати мо қарор гирифта, масъалаи баланд бардоштани нақш ва мақоми занону бонувон зери таваҷҷуҳи доимии Роҳбари давлат қарор дорад.

Маҳз бо ташаббус ва ғамхориҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири гиромидошти мақому манзалати занон дар кишвар 8 март ҳамчун Рӯзи Модар ғайрикорӣ эълон гардида, дар сатҳи давлатӣ таҷлил мегардад.

Мавриди зикри хос аст, ки модарони тоҷик дар ҳама давру замон фарзандони бонангу номус, ҷасуру шуҷоъ, оқилу хирадманд, содиқу фидокор ва номбардори асили миллат ба дунё овардаанд, онҳоро дар оғӯши гарму нарм ва саршор аз меҳр ба камол расонида, барои хизмати шоиста ба халқу Ватан ҳидоят менамоянд.

Бори дигар, дар остонаи фасли зебои эҳёи табиат ва баҳори эъҷозкор ҳамаи модарону бонувон ва хоҳарони азизро ба муносибати Рӯзи Модар табрик гуфта, ба ҳар яки онҳо хонаи ободу осуда, бахту саодат ва зиндагии хушу гуворо таманно дорам.

**Ҷашн муборак, бонувони арҷманд!**

## ҶАЛАСАИ ШУРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН

**Шашуми марти соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ», Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар хусуси Ёддошти ҳамкорӣ байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлия, Вазорати корҳои



«Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси андози хориҷӣ, Вазорати тандурустӣ, меҳнат ва некуаҳволӣ ва Агентии миллии полиси Япония дар бораи асосҳои ҳамкории иттилоотӣ ҷиҳати роҳандозии низоми захираҳои инсонии хориҷии дорои мақоми «коргари соҳибтахассуси махсус» ва «Дар хусуси Ёддошти тафоҳум байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати шуғл ва меҳнати Ҷумҳурии Корея оид ба сафарбар намудан ва қабули кормандон тавассути низоми иҷозати кор» мавриди баррасӣ қарор гирифта, барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуд.

**«Садои мардум»**

*Дар куҷо таҳсил ва кадом ихтисосро бояд интихоб намуд?*

# МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН!






**НАСРИДДИНЗОДА**
**Эмомалӣ Сайфиддин**
**ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**

## ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бонуфузтарин маркази таълимию илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дастпарварони ин боргоҳи илму маърифат дар пешрафти давлати мустақили Тоҷикистон, рушду равнақи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии кишвар саҳми арзанда мегузоранд. Донишгоҳ ҷиҳати ислоҳу такомули соҳаи илму маориф, баланд бардоштани маърифат, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва тарбияи мутахассисони донишманд мақому манзалати хоса дар кишвар ва берун аз он дорад.**

Дар давоми фаъолият Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар инкишофу рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, иҷтимоиёт, илм ва маорифи кишвар саҳми босазо гузошта, аз давраи таъсисёбӣ то имрӯз ин боргоҳи илму маърифатро беш аз 150 ҳазор мутахассис хатм намудааст, ки аз ин теъдод беш аз 90 ҳазор нафарро хатмкунандагони давраи соҳибистиқлолии мамлакат ташкил медиҳанд.

Бо сафҳагардонии таърихи донишгоҳ маълум мегардад, ки 21-уми марти соли 1947 бо қарори Шурои Вазирони ИҶШС таҳти рақами №643 Университети давлатии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки дар сохтори таркибии он чор факултет: физикаю математика (бо шуъбаи химия), хокшиносӣ-геологӣ-география, биология, таъриху филология бо шуъбаи шарқшиносӣ амал мекард. Дар сохтори донишгоҳ 13 кафедра ба фаъолият оғоз намуд, ки аз ин теъдод ҳафт кафедраи тахассусӣ ва чор кафедраи умумидонишгоҳӣ буданд.

Қабули донишҷӯён ба курси якум дар се факултети донишгоҳ аз рӯйи 7 ихтисос ба роҳ монда шуда, теъдоди донишҷӯёни курси якум 200 нафар буда ва ҳамчунин, ба курси 2-юми шуъбаи биология 50 нафар қабул гардид, ки дар маҷмуъ 250 нафарро ташкил мекард.

Теъдоди омӯзгорони донишгоҳ аз 17 корманди доимӣ ва 19 нафар омӯзгори соатбайъ иборат буд, ки ду нафар унвони профессор ва 8 нафар унвони дотсентӣ доштанд. Аввалин хатми донишҷӯён ба соли 1954 рост омад, ки теъдоди онҳо 145 нафарро ташкил медод.

Соли 1991 ва солҳои аввали Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон донишгоҳ дорои 13 факултет, 83 кафедра ва 25 ихтисос буд, ки аз рӯи ихтисосҳои мазкур 13629 нафар донишҷӯ ва дар кафедраҳои донишгоҳӣ 859 нафар омӯзгори доимӣ ба таълиму тарбия машғул буданд, ки аз онҳо 47 нафар доктори илм ва зиёда аз 300 нафар номзади илм буданд.

Таъмини тадриҷии пояи моддӣ-техникӣ дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба афзудани теъдоди ихтисосҳо, тахассусҳо, озмоишгоҳҳои илмӣ-таълимӣ, синфхонаҳои электронӣ, кабинетҳои методӣ ва кафедраҳо мусоидат намуд. Дар оғози соҳибистиқлолии кишвар дар донишгоҳ ҳамагӣ аз рӯи 25 ихтисос дар 13 факултет мутахассисон омода карда мешуданд. Вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва иқтисодиёти мамлакат имрӯз дар донишгоҳ аз рӯйи 134 ихтисос мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир омода карда мешаванд. Ҳамчунин, вобаста ба гузаштан ба фазои ягонаи таҳсилот ва гузариш ба низоми сезинагии таҳсил имрӯз дар зинаҳои бакалавр, мутахассис ва магистратура мутахассисон омода мешаванд.

Имрӯз донишгоҳ дорои 19 факултет, 126 кафедра, 134 ихтисос, Донишкадаи такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии назди донишгоҳ, Институти илмию таҳқиқотӣ, Литсейи равияҳои табиию риёзӣ, китобхонаи илмӣ ва электронӣ, Донишкадаи Конфутсий, озмоишгоҳҳои илмию таълимӣ ва таҳқиқотӣ, марказҳои интернетӣ, синфхонаҳои компютерӣ, ҳуҷраҳои лингофонӣ, марказҳои хизматрасонии таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ, 3 пойгоҳи таҷрибавӣ, бунгоҳи тиббӣ, маҷмааи муосири варзиш ва майдончаҳои варзишӣ мебошад.

Донишгоҳ барои донишҷӯён, магистрантон ва докторантони ватанию хориҷӣ беҳтарин хобгоҳҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир дорад. Донишгоҳ беш аз 2 ҳазору 500 нафар устоду корманд ва наздик ба 23 ҳазор нафар донишҷӯро муттаҳид карда, барои таълим тамоми шароити зарурироро фароҳам сохтааст. Таҳсил дар донишгоҳ бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуда, беҳтарин омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба машғулиятҳои дарсӣ машғул мебошанд. Донишгоҳ бо зиёда аз 300 муассисаи илмию таълимии кишварҳои хориҷӣ дар самтҳои гуногун ҳамкорӣ менамояд.

Боиси ифтихор аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хатмкардаи ин боргоҳи бузурги илму маърифат мебошанд.

Бо мақсади муназзамсозии раванди тайёр кардани мутахассисони соҳаи технологияи информатсионӣ барои ҷумҳурӣ ва дар хориҷи кишвар омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи технологияи коммуникатсионӣ, мутахассисон дар соҳаи ташхиси тиб, технологияи химиявӣ ва ҳифзи муҳити зист раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Беларус шартнома ба тасвиб расонида, қабули донишҷӯёнро аз рӯйи ихтисосҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ дар пояи факултети муштарак ба роҳ мондааст.

Барои баланд бардоштани савияи касбӣ ва илмии донишҷӯён дар донишгоҳ маҳфилҳои илмии «Хирадманд», «Зеҳн», «Ҳуқуқшинос» ва даҳҳо маҳфилҳои дигари илмии назди кафедраҳо амал мекунанд. Ҳамчунин, дар донишгоҳ нашрияҳои «Ба қуллаҳои дониш», «Минбари ҳуқуқшинос» ва маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла «Паёми ДМТ», «Илм ва фанноварӣ» ва «Ҳаёти ҳуқуқӣ» фаъолият доранд.

Бо мақсади муаррифии шоистаи корнамоиҳои беназир ва фаъолияти густурдаи Пешвои миллат Осорхонаи Пешвои миллат ва Маркази илмӣ-таҳқиқотии Пешвои миллат таъсис ёфтаанд.

Дар донишгоҳ студияи таълимии телевизион ва радиои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ТТ ДМТ) фаъолият мекунад.

Сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарин, аз қабили болоравии сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дар бозори меҳнат рақобатпазир, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, равона шудааст. Дар партави дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ Донишгоҳи миллӣ тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ намуд. Бо ин мақсад донишгоҳ 10 ихтисоси муҳиму зарурӣ барои иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла ихтисосҳои кори табобатӣ, кори тиббию ташхисӣ, дорусозӣ, математика, физика, кимиё, биология, муносибатҳои байналхалқӣ, ҳуқуқшиносӣ, молия ва қарзро аз аккредитатсияи байналмилалии барномавӣ гузаронида, ҳар як ихтисос аз ҷониби Агентии байналмилалии аккредитатсионии Ҷумҳурии Қазоқистон (НААР) бо сертификати байналмилалӣ ба муҳлати гуногун сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамзамон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳар сол аз аттестатсияи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият гузашта, соҳиби иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ мегардад.

Дар донишгоҳ ба донишҷӯёни фаъол Стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, стипендияи шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, стипендияи ба номи Исмоили Сомонӣ, стипендияи ба номи Садриддин Айнӣ, инчунин, стипендияи ба номи олимону донишмандон, аз қабили Абулқосими Лоҳутӣ, Нурулло Ҳувайдуллоев, И.Қ.Нарзиқулов, И.Д. Давлатов, М. Назаршоев ва ғайра дода мешавад.

Дастовардҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар замони Истиқлоли давлатӣ хеле зиёд аст. Имрӯз раёсат ва аҳли омӯзгорону кормандони ин боргоҳи илму маърифат кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, ки баҳри татбиқи амалии сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи барномаю стандартҳои давлатии соҳаи маорифи кишвар ҷиҳати баланд бардоштани нуфузу эътибори донишгоҳ аз пештара бештар кӯшиш намоянд ва тавонанд дар пешрафту татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Президенти мамлакат бештар саҳмгузор бошанд.

Довталабони азиз! Шумо мехоҳед дониши замонавӣ гиред, истеъдоди худро сайқал диҳед, аз мактабҳои бузурги илмӣ сабақ омӯзед ва ҳамчун мутахассис дар бозори меҳнат рақобатпазир бошед, пас, Донишгоҳи миллиро интихоб кунед. Донишгоҳ интизори ҷавонони соҳибистеъдоду хушзеҳн мебошад.

**МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН!**

**Рамзи донишгоҳ дар ММТ: 101**
**Сомонаи донишгоҳ: www.tnu.tj**

## РӮЙХАТИ ИХТИСОСҲОИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН дар соли таҳсили 2025-2026 вобаста ба шакли таҳсилот

| № | РАМЗИ ИХТИСОС | НОМГӮИ ИХТИСОСҲО | Қабул | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Рӯзона | Фосилавӣ |
| 1 | 1-31 03 01-02 | Математика (фаъолияти илмию педагогӣ) | 50 | 25 |
| 2 | 1-31 03 03 02 | Математикаи амалӣ (фаъолияти илмию истеҳсолӣ) | 25 | |
| 3 | 1-31 03 04 | Информатика | 50 | 25 |
| 4 | 1-31 03 02-02 | Механика (фаъолияти илмию истеҳсолӣ) | 25 | |
| 5 | 1-98 01 01-01 | Амнияти компютерӣ (усулҳои риёзӣ ва системаи барномавӣ) | 25 | |
| 6 | 1-31 04 01-03 | Физика (фаъолияти илмию педагогӣ) | 50 | 25 |
| 7 | 1-31 04 02 | Радиофизика | 25 | 20 |
| 8 | 1-02050405 | Астрономия | 25 | 25 |
| 9 | 1-40 02 01 | Мошинҳои ҳисоббарор, низомҳо ва шабакаҳо | 25 | |
| 10 | 1-31 02 01-0209 | Метеорология ва климатология (обу ҳаво ва иқлимшиносӣ) | 25 | |
| 11 | 1-54 01 01-04 | Метрология, стандартикунонӣ ва сертификатсия (саноати сабук) | 25 | 25 |
| 12 | 1-33 01 03 | Радиоэкология | 25 | |
| 13 | 1-31 04 03 09 | Электроникаи тиббӣ | 32 | |
| 14 | 1-31 05 01-02 | Химия (фаъолияти илмию педагогӣ) | 75 | 25 |
| 15 | 1-02 04 06 | Химия (Химияи татбиқӣ) | 25 | 20 |
| 16 | 1-48 01 01 | Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикии ММ | 25 | |
| 17 | 1-48 01 03 | Технологияи химиявии захираҳои энергетикӣ ва МК | 25 | |
| 18 | 1-54010300 | Усулҳои физикию химиявӣ ва асбобҳои назорати сифати маҳсулот | 25 | |
| 19 | 1-02 04 06-01 | Химия.Биология | 50 | |
| 20 | 1-31 01 01-01 | Биология (фаъолияти илмию истеҳсолӣ) | 75 | 50 |
| 21 | 1-33 01 01-01 | Экология | 25 | 20 |
| 22 | 1-31 01 01-03 | Биология (биотехнология) | 25 | |
| 23 | 1-75 01 01-01 | Илми ҷангалпарварӣ ва ҷангалпарварӣ | 25 | |
| 24 | 1-31 01 01 01-21 | Биохимияи тиббӣ | 25 | |
| 25 | 1-51 01 01-03 | Гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ | 25 | 20 |
| 26 | 51 01 01-11 | Гидрология ва пиряхшиносӣ | 25 | 20 |
| 27 | 1-51 01 01 | Геология ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок | 25 | |
| 28 | 1-51 01 01-04 | Геология, ҷустуҷӯ ва иктишофи конҳои нафту газ | 25 | 20 |
| 29 | 1-51 02 01-02 | Коркарди конҳои канданиҳои фоиданок (корҳои зеризаминӣ) | 25 | |
| 30 | 1-25 01 07-11 | Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои саноати кӯҳӣ | 25 | 25 |
| 31 | 1-51 01 01-02 | Усулҳои геофизикии ҷустуҷӯ ва иктишофи ККФ | 25 | |
| 32 | 1-25 01 07-01 | Иқтисодиёти меҳнат | 25 | |
| 33 | 1-25 01 07-06 | Танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ | 50 | 25 |
| 34 | 1-25 01 07 | Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳо | 50 | 25 |
| 35 | 1-25 01 07-15 | Иқтисодиёт ва идора дар корхонаи комплекси агросаноатӣ | 25 | 25 |
| 36 | 1-26 02 02 | Менеҷмент | 50 | |
| 37 | 1-26 02 03 | Маркетинг | 25 | |
| 38 | 1-26 01 01 | Идораи давлатӣ | 25 | |
| 39 | 1-26 02 02-03 | Менеҷменти инноватсионӣ | 25 | |
| 40 | 1-26 02 03-23 | Логистика | 25 | |
| 41 | 1-25 01 07-34 | Иқтисодиёти сабз | 25 | |
| 42 | 1-96 01 01-03 | Бехатарии иқтисодӣ | 25 | |
| 43 | 1-25 01 07-36 | Иқтисодиёти минтақа ва рушди маҳал | 25 | |
| 44 | 1-26 02 01 | Бизнес-маъмуриятчигӣ | 25 | |
| 45 | 1-25 01 08 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 75 | 25 |
| 46 | 1-25 01 05 | Омор | 25 | |
| 47 | 1-31 03 06-01 | Кибернетикаи иқтисодӣ | 25 | |
| 48 | 1-25 01 11 | Аудит ва ревизия | 25 | |
| 49 | 1-25 01 02 04 | Иқтисодиёти рақамӣ | 25 | |
| 50 | 1-25 01 08 01 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо | 25 | |
| 51 | 1-40 01 02-02 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | 50 | 25 |
| 52 | 1-25 01 04 | Молия ва қарз | 125 | 25 |
| 53 | 1-25 01 04-02 | Кори бонкӣ | 50 | 25 |
| 54 | 1-25 01 03 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 50 | |
| 55 | 1-25 01 07-17 | Иқтисодиёт ва идора дар корхонаҳои сайёҳӣ | 25 | |
| 56 | 1-25 01 04-04 | Суғурта | 25 | |
| 57 | 1-25 01 03-04 | Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ | 25 | |
| 58 | 1-250104-03 | Андоз ва андозбандӣ | 25 | 25 |
| 59 | 1-25 01 04 10 | Менеҷменти молиявӣ | 25 | |
| 60 | 1-25 01 04 09 | Молия ва назорат дар соҳаи фаъолияти гумрук | 25 | 25 |
| 61 | 1-96 01 01-02 | Пардохти гумрукӣ ва назорати асъор | 25 | |
| 62 | 1-23 01 08 | Рӯзноманигорӣ | 50 | 25 |
| 63 | 1-23 01 09 | Рӯзноманигории байналмилалӣ | 25 | |
| 64 | 1-47 01 01-04 | Умури нашриёт | 25 | |
| 65 | 1-23 01 09-03 | Журналист-тарҷумон | 25 | |
| 66 | 1-23 01 07-01 | Иттилоот ва робита (технологияҳои робита) | 25 | |
| 67 | 1-23 01 08-02-03 | WEB-рӯзноманигорӣ | 25 | 25 |
| 68 | 1-21 05 02 | Филологияи рус | 50 | 25 |
| 69 | 1-21 05 04 04 | Назария ва амалияи тарҷума | 24 | |
| 70 | 1-21 05 02 08 | Забони хориҷӣ (бо нишон додани забон) | 24 | |
| 71 | 1-23 01 02-03 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (арабӣ-англисӣ) | 24 | |
| 72 | 1-23 01 02-03 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (англисӣ-хитоӣ) | 24 | |
| 73 | 1-23 01 02-03 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (арабӣ-фаронсавӣ) | 12 | |
| 74 | 1-23 01 02-03 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (форсӣ-англисӣ) | 24 | |
| 75 | 1-23 01 02-03 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (ҳиндӣ-англисӣ) | 12 | |
| 76 | 1-23 01 02-03 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (урду-англисӣ) | 8 | |
| 77 | 1-23 01 02-03 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (форсӣ-фаронсавӣ) | 14 | |
| 78 | 1-23 01 02-03 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (пашту-англисӣ) | 8 | |
| 79 | 1-21 06 01-02 | Забонҳои муосири хориҷӣ (забони хитоӣ-тарҷумон) | 24 | |
| 80 | 1-21 06 01-02 | Забонҳои муосири хориҷӣ (забони англисӣ-тарҷумон) | 24 | |
| 81 | 1-21 06 01-02 | Забонҳои муосири хориҷӣ (забони олмонӣ-тарҷумон) | 12 | |
| 82 | 1-21 06 01-02 | Забонҳои муосири хориҷӣ (забони фаронсавӣ-тарҷумон) | 12 | |
| 83 | 1-21 05 01 | Филологияи тоҷик | 75 | 25 |
| 84 | 1-26 02 04-01 | Ҳуҷҷатшиносӣ ва таъмини ҳуҷҷатии идора | 25 | |
| 85 | 1-02 02 04 | Фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ. Фолклор | 25 | |
| 86 | 1-21 05 01-03 | Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ | 25 | |
| 87 | 1-21 05 01-10 | Мероси хаттӣ | 25 | |
| 88 | 1-21 06 01-0202 | Тарҷумаи бадеӣ | 25 | |
| 89 | 1-23 01 10-0105 | Танқиди адабӣ | 25 | |
| 90 | 1-23 01 01 | Муносибатҳои байналмилалӣ | 100 | |
| 91 | 1-23 01 01-06 | Минтақашиносии хориҷӣ | 50 | |
| 92 | 1-23 01 02-0305 | Фаъолияти иттилоотӣ - таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ | 25 | |
| 93 | 1-23 01 01-01 | Сиёсати берунӣ ва дипломатия | 25 | |
| 94 | 1-21 03 01-01 | Таърих | 50 | 25 |
| 95 | 1-23 01 13-01 | Бойгоншиносӣ | 25 | 25 |
| 96 | 1-21 03 01-02 | Таърих (бостоншиносӣ) | 25 | |
| 97 | 1-21 03 01-0110 | Сарчашмашиносӣ, таърихнависӣ, усулҳои таҳқиқоти таърихӣ | 25 | |
| 98 | 1-21 03 01 01 09 | Иттилооти таърихӣ | 25 | |
| 99 | 1-24 01 02 | Ҳуқуқшиносӣ | 200 | 50 |
| 100 | 1-24 01 01 | Ҳуқуқи байналмилалӣ | 50 | |
| 101 | 1-26 01 02 | Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ | 50 | 25 |
| 102 | 1-93 01 01 | Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ | 50 | 25 |
| 103 | 1-24 01 03-02 | Танзими ҳуқуқии молия ва қарз | 25 | |
| 104 | 1-24 01 02-18 | Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ | 25 | |
| 105 | 1-93 01 02 | Санҷиши судӣ | 25 | |
| 106 | 1-96 01 01 01 | Таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ | 50 | |
| 107 | 1-24 01 02 20 | Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ | 25 | |
| 108 | 1-24 01 02 03 | Фаъолияти судӣ-прокурорӣ-муфаттишӣ | 25 | |
| 109 | 1-93010300 | Фаъолияти ҳуқуқии муқовимат бо киберҷинояткорӣ | 50 | 25 |
| 110 | 1-21 02 01 | Фалсафа | 25 | |
| 111 | 1-23 01 06-0103 | Сиёсат ва идораи давлатӣ | 25 | |
| 112 | 1-23 01 04 | Психология | 25 | 20 |
| 113 | 1-23 01 05 | Сотсиология (иҷтимоиёт) | 25 | |
| 114 | 1-86 01 01-02 | Кори иҷтимоӣ | 25 | 25 |
| 115 | 1-23 01 06-0301 | Менеҷменти сиёсӣ | 25 | |
| 116 | 1-21 01 01-02 | Диншиносӣ | 25 | |
| 117 | 1-79 01 01 | Кори табобатӣ | 225 | |
| 118 | 1-79 01 04 | Кори тиббии ташхисӣ | 75 | |
| 119 | 1-79 01 07 | Дандонпизишикӣ | 225 | |
| 120 | 1-79 01 02 | Педиатрия | 32 | |
| 121 | 1-79 01 08 | Дорусозӣ | 125 | |
| 122 | 1-49 01 32-01 | Технологияи маҳсулоти чарб, равғани эфир ва атриётию косметикӣ | 25 | |
| 123 | 1-48 02 01-04 | Технологияи саноати дору | 25 | |
| 124 | 1-98 01 01 01 | Амнияти компютерӣ | 25 | |
| 125 | 1-31 03 07 00 | Информатикаи татбиқӣ | 25 | |
| 126 | 1-31 03 02 | Математика ва технологияи информатсионӣ | 25 | |
| 127 | 1-100 01 01 | Бехатарии ядроӣ ва радиатсионӣ | 25 | |
| 128 | 1-43 01 06 | Технологияи энергияи самарабахш ва МЭ | 25 | |
| 129 | 1-80 02 01 | Кори тиббии биологӣ | 25 | |
| 130 | 1-57 01 01 | Ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ | 25 | |
| 131 | 1-48 01 02 | Технологияи химиявии моддаҳои органикӣ ММО | 25 | |
| 132 | 1-03 04 03 | Психологияи амалӣ | 25 | |
| 133 | 1-89 01 01 | Саёҳат ва меҳмондорӣ | 25 | |
| 134 | 1-26 02 05 | Логистика | 25 | |

БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 427604 | Поликлиникаи стоматологияи кӯдаконаи шаҳри Хуҷанд | Таҷҳизоти стоматологӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 15.03.2025 17:26:21 |
| 2 | 427606 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатӣ»-и шаҳри Гулистон | Азнавсозии бинои Муассисаи давлатии «Маркази саломатӣ»-и шаҳраки Сирдарёи шаҳри Гулистон (корҳои бомпӯшӣ ва пардозӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.03.2025 08:25:24 |
| 3 | 427607 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатӣ»-и шаҳри Гулистон | Азнавсозии бинои Муассисаи давлатии «Маркази саломатӣ»-и шаҳраки Сирдарёи шаҳри Гулистон (корҳои сохтмонӣ-васлгарӣ, ободонӣ, пардозӣ, сантехникӣ, электрикӣ, системаи гармидиҳӣ ва насби сипари оташнишонӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.03.2025 08:25:24 |
| 4 | 427608 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатӣ»-и шаҳри Гулистон | Азнавсозии бинои Муассисаи давлатии «Маркази саломатӣ»-и шаҳраки Сирдарёи шаҳри Гулистон (корҳои пардозӣ, сантехникӣ, вентилятсия, электрикӣ, системаи гармидиҳӣ ва огоҳкунии зиддисӯхторӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.03.2025 08:25:24 |
| 5 | 427598 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои шуъбаи минтақавии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор | Озмуни кушод | Кор | 1 | 17.03.2025 15:50:00 |
| 6 | 427617 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Сохтмони бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Тиллоободи ҷамоати деҳоти Лоҳури ноҳияи Рӯдакӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 18.03.2025 10:50:00 |
| 7 | 427596 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар | Сохтмони гузаргоҳи пиёдагард дар кӯчаи Кайҳоннавардони шаҳри Бохтар | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.03.2025 15:10:15 |
| 8 | 427600 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №117-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.03.2025 16:10:00 |
| 9 | 427602 | Шуъбаи фарҳанги шаҳри Гулистон | Экрани нурнишонӣ ва таҷҳизоти идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 26.03.2025 17:00:00 |
| 10 | 427603 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Чароғонкунии минтақаи таълимӣ-таҷрибавии муассиса, воқеъ дар шаҳраки Палос | Озмуни кушод | Кор | 1 | 26.03.2025 17:20:28 |
| 11 | 427605 | Мактаб-интернати №1-и шаҳри Кӯлоб | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 24 | 27.03.2025 08:57:12 |
| 12 | 427610 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Панҷакент | Ниҳоли гул | Озмуни кушод | Мол | 3 | 27.03.2025 09:02:00 |
| 13 | 427611 | Муассисаи давлатии «Идораи сохтмони асосӣ» | Сохтмони маркази саломатии №2 дар шаҳри Истаравшан (корҳои заминӣ, таҳкурсӣ, девор, сутун ва роҳрав) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 27.03.2025 09:30:00 |
| 14 | 427612 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сохтмони унсурҳои меъморӣ ва навиштаҷот дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти ба номи Д. Холматов ва Исмоили ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Озмуни кушод | Кор | 1 | 27.03.2025 10:00:00 |
| 15 | 427613 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Таъмир ва азнавбарқароркунии кӯдакистон дар деҳаи Шамсободи Ҷамоати деҳоти Исмоили ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (корҳои бетонӣ, панҷарабандӣ, сохтмони фаввора ва дегхона) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 27.03.2025 10:00:00 |
| 16 | 427614 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти манбаи нигоҳдории мунтазами барқ ва дискҳои дурушт барои сервер | Озмуни кушод | Мол | 2 | 27.03.2025 10:00:00 |
| 17 | 427609 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии асосии №41-и шаҳри Кӯлоб | Азнавсозии майдончаи варзишӣ дар назди бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 27.03.2025 10:01:21 |
| 18 | 427616 | Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Бунёди роҳрав ва майдончаҳо, пойдевор ва зинапояи беруна, соябони даромадгоҳи таҳхона, равшанидиҳии намои бино ва панҷараҳои атроф дар «Маркази минтақавии амният, бехатарӣ ва кафолати ХБРЯ» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 27.03.2025 10:30:00 |
| 19 | 427615 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и шаҳри Кӯлоб | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 27.03.2025 10:54:02 |
| 20 | 427618 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино»-и шаҳри Душанбе | Корҳои ободонӣ дар роҳҳои ҳудуди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 27.03.2025 10:55:00 |
| 21 | 427619 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, барқӣ, сантехникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, маводи масрафӣ барои принтер, картриҷ ва асбобҳои дастӣ | Озмуни кушод | Мол | 72 | 27.03.2025 11:40:23 |
| 22 | 427620 | Муассисаи таълимии «Литсейи касбии саноати кишоварзӣ»-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 15 | 27.03.2025 13:10:35 |
| 23 | 427621 | Муассисаи давлатии «Хонаи кӯдакони №2»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 43 | 27.03.2025 13:20:06 |
| 24 | 427622 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Чарххои резинӣ барои автомашинаҳо | Озмуни кушод | Мол | 6 | 27.03.2025 14:00:56 |
| 25 | 427629 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Сино»-и шаҳри Душанбе | Корҳои таъмири иншоотҳои роҳҳои кӯчаи Маяковскийи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 27.03.2025 14:15:00 |
| 26 | 427628 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Таъмири ҷорӣ ва азнавсозии дару тирезаҳои Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии «Ширхоргоҳ- кӯдакистони №152»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Озмуни кушод | Кор | 1 | 27.03.2025 14:30:00 |
| 27 | 427625 | Филиали Раёсати сохтмони асосии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб | Сохтмони бинои иловагӣ барои 480 хонанда дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51-и деҳаи Тугулии ҷамоати деҳоти Чубеки ноҳияи Ҳамадонӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 27.03.2025 15:02:42 |
| 28 | 427624 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Данғара | Молҳои хоҷагидорӣ ва маводи дафтардорӣ | Озмуни кушод | Мол | 18 | 27.03.2025 15:03:12 |
| 29 | 427630 | Муассисат давлатии «Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбон»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ ва хилъат | Озмуни кушод | Мол | 6 | 27.03.2025 16:46:00 |
| 30 | 427631 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Таъмир ва азнавбарқароркунии кӯдакистон дар деҳаи Шамсободи ҷамоати деҳоти Исмоили ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (кандани миёнадевор, системаи гармидиҳӣ, сохтани девор ва насби дег) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 27.03.2025 17:30:00 |
| 31 | 427599 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун | Таъмири ҷории бинои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун | Озмуни кушод | Кор | 1 | 28.03.2025 08:50:00 |
| 32 | 427632 | Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои варзишӣ, либос ва пойафзол | Озмуни кушод | Мол | 4 | 28.03.2025 09:15:14 |
| 33 | 427634 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Моноблок, принтер, микрофон ва микшер | Озмуни кушод | Мол | 8 | 28.03.2025 09:30:49 |
| 34 | 427635 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Таъмиру азнавсозии иншооти қароргоҳи Сарвари давлати Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон (корҳои азнавсозии фарши саҳни назди бино, суфтакунӣ ва лак кардани фарши тахтагини ороишии ошёнаҳои якум ва панҷум) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 28.03.2025 09:58:46 |
| 35 | 427636 | Маркази вилоятии беморихои нашъамандии назди Раёсати тандурустии вилояти Хатлон | Таъмири утоқҳои кории марказ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 28.03.2025 10:05:15 |
| 36 | 427637 | Раёсати сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Таъмир ва азнавсозии толор барои гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ - сиёсӣ дар ҳудуди бӯстонсаройи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 28.03.2025 10:10:05 |
| 37 | 427597 | Шуъбаи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун | Сӯзишворӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 28.03.2025 10:18:30 |
| 38 | 427638 | Шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Дӯстӣ | Сохтмони бунгоҳи тиббӣ барои Шабакаи кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Дӯстӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 28.03.2025 10:20:30 |
| 39 | 427639 | Муассисаи давлатии «Боғи Ғалаба» | Бензин, сӯзишвории дизелӣ ва гази моеъ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 28.03.2025 10:24:00 |
| 40 | 427640 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Реактив, реагент ва намудҳои дигари лавозимоти тиббӣ барои эҳтиёҷоти беморхона | Озмуни кушод | Мол | 12 | 28.03.2025 11:11:11 |
| 41 | 427643 | КВД «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Кортҳои пардохтии бонкӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 28.03.2025 11:50:00 |
| 42 | 427645 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 33 | 28.03.2025 13:06:28 |
| 43 | 427646 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи А. Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 28.03.2025 13:10:12 |
| 44 | 427644 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №70 | Молҳои хоҷагидорӣ ва маводи дафтардорӣ | Озмуни кушод | Мол | 18 | 28.03.2025 13:52:07 |
| 45 | 427647 | Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии муоина ва назорати тиббии варзишгарон»-и шаҳри Душанбе | Маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ ва барномаи зиддивирусӣ | Озмуни кушод | Мол | 54 | 28.03.2025 14:10:00 |
| 46 | 427648 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири маҷлисгоҳи агентӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 28.03.2025 14:30:00 |
| 47 | 427649 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии алоқа»-и шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ, таҷҳизоти идоравӣ, маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ, ноқил ва маҳсулоти қолинӣ | Озмуни кушод | Мол | 47 | 28.03.2025 15:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино соли 2018 ба Музафаров Абдуҷаббор Музафарович додааст, эътибор надорад.

Билети ҳарбии гумшудаи силсилаи ҶТ 0058225, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Рӯдакӣ соли 2020 ба Баротов Муродалӣ Қурбоналиевич додааст, эътибор надорад.

Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №0135165, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ноҳияи Варзоб соли 2008 ба Хуршеди Шералӣ додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшуда барои бақайдгирӣ оид ба супоридани андоз аз арзиши иловашуда (РЯМ 0210027272), ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба ҶДММ «Технологияҳои беҳтарин» додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатнома, иқтибос ва гувоҳномаи РМА-и гумшуда, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 24 августи соли 2010 ба ҶДММ «Мурод 2010» (РМА 030018866, РЯМ 0310008426) додааст, эътибор надоранд.

Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Сабзикор, хонаи 172, ба Ҳамидов Зияндар додааст, эътибор надорад.

Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ бо (РМА 125276564, РЯМ 0430181620), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 30 июли соли 2022 ба Гулов Назаралӣ Умарович додааст, эътибор надорад.

Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда таҳти №Д18413, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2018 ба Бобоҷонов Далер Эминович додааст, эътибор надорад.

Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ (РМА 126856325), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2023 ба Раҳмонов Фазлиддин Шамсудинович додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи такрории гумшудаи таваллуд бо силсилаи А2 №018087, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 31 январи соли 2002 ба Самиев Ҳотам Холович додааст, эътибор надорад.

Шиносномаи хориҷии гумшуда бо силсилаи P03643574, ки онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии исломии Афғонистон 7 феврали соли 2021 ба Ҷафари Моҳаммад Карим додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 24 августи соли 2018 ба Яҳёев Муҳаммадҷон Сухробович (РЯМ 0230076734, РМА 025530401) додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ «Зарипов Мансурҷон» (РЯМ 0410035203, РМА 040057100), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 16 апрели соли 2020 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Мирзоев Фируз» (РЯМ 0410038439, РМА 040060782), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 9 июни соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

ҶДММ «Шоми Панҷшер» (РЯМ 0310021434, РМА 030033266), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 1 декабри соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари хабарнигорони минтақавӣ 238-53-56; муовин 238- 54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сиёсат ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисод 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг ва иҷтимоӣ 238-58-93; муҳаррири шуъбаи ахбор 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорони минтақавӣ дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; ШНТҶ 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 7 марти соли 2025, соати 18:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34620 нусха*

Навбатдори шумора М. Солиҳзода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97